# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи “Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Дар адабиётшиносии форсу тоҷик ҳанӯз бисёр масоили таҳқиқнашудаи илмӣ мавҷуд аст, ки дарёфту баррасии он арзиши густардаеро дар худ падид меоварад. Аслан, паҳнои густариши фарҳанг, санъат, адабиёт ва ҷаҳонбинии тоҷикона, ки ба дигар забон таҷассум шудаву ҳамчун падидаи фарҳангӣ ва ё адабӣ ва ирфонӣ рӯнамо мешавад, мавзуи басо ҷолиб ва дар ин замони пуриттилои фарҳангӣ ва тамаддунсозӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон ба яке аз шахсиятҳое камтаҳқиқшудаи фарҳанги муштараки форсӣ ва арабӣ бахшида шудааст, ки дар адабиётшиносии тоҷик камтар маъруфият дорад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва китобнома иборат мебошад. Дар мавриди боббандии кор ҳамин нуктаро бояд зикр намуд, ки он ба таври матбуъ ва илмӣ буда, тибқи он масъалаи баррасии муҳиту фазои зиндагонии мутафаккир, гӯшаҳое аз фаъолияти адабӣ ва сиёсии ӯ, мақоми Аҳмади Ғаззолӣ дар ташаккули адабиёти суфиёнаи арабизабон ва форсизабони замони худ ва устодону шогирдони ӯ равшан инъикос шудааст.

Сипас, муаллифи диссертатсия ба таҳқиқи умумии осори Аҳмади Ғаззолӣ, камият ва зарфияти осори ӯ, арзиши асарҳо ва расоил, ашъори ӯ, нусхашиносии рисолаҳо, баррасии нашрҳо ва маълумоти умумӣ роҷеъ ба онҳо, мепардозад. Гуфтан бамаврид аст, ки Аҳмади Ғаззолӣ дар ташаккули адабиёти сӯфиёна ва шахсияти ориф, солик, хонако, парҳезгорӣ, узлатнишинӣ ва ғайра саҳми худро гузошта, мақоми шомихеро дарёфт намудааст, ки ин масоил ва масоили марбут ба он яке аз гӯшаҳои бисёр

мустаҳками шинохти вежагиҳои осори мансури ӯ ба ҳисоб меояд, дар диссертатсия, махсусан дар боби дувуми он ба таври чашмгир ба роҳ монда шудааст. Худи ҳамин нукта, ки дар расоили машҳури адиб аз қабили “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр” ба истилоҳ раванди наверо дар андеша ва ҷаҳонбинии сӯфиёна боз мекунад, ки мавқеи Аҳмади Ғаззолиро ҳамчун орифи барҷаста, нависандаи соҳибсабк ва файласуф нишон медиҳад. Маҳз ҳамин хусусиятҳои осори мансури Аҳмади Ғаззолиро ба назар гирифта, ӯро дар қатори нависандагон, орифон ва шоирони бузурге, чун бародари ӯ Муҳаммад Ғаззолӣ, Ибни Форизи Мисрӣ ва дигарон мегузоранд, ки дар диссертатсия ин масъала низ ба хубӣ ва дар асоси санадҳо ва далоили илмӣ нишон дода шудааст. Нуктаи бисёр муҳимми ин иддаоро муаллифи диссертатсия дар асоси таъсирпазирии адибони орифи баъдина аз осори мансури Аҳмади Ғаззолӣ нишон дода, аз осори мансуру манзуми адиб амсоли зиёдеро оварда, онҳоро ҳамаҷониба ба риштаи таҳқиқот кашидааст. Маҳз ба ҳамин хотир дар боби савуми диссертатсия мавзуи аҳамияти адабии осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ дар мисоли “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр” сохтори онҳо дар асоси нуктаҳои мавзуъбандӣ, сабки нигориш, шеваҳои корбурди санъатҳои лафзиву маънавии бадеӣ ба муомилоти илмӣ кашида шудааст. Ҳамчунин доир ба истифодаи ашъор дар “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”аз сурудаҳои худи Аҳмади Ғаззолӣ ва абёте аз шуарои мутақаддимин дар мавзуъҳои мухталифи орифона ва сӯфиёнаи давр барои исбот ва тақвияти андешаҳои худ зикр намуда, таҳқиқоти илмиеро ба субот расонидааст, ки аз падидаҳои нави шинохти шеъри Аҳмади Ғаззолӣ ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти масъалаи умумии таҳқиқ дар диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон ба таври фарогир ҳамаи ҷанбаҳои осори мансуру манзуми Аҳмади Ғаззолӣ баррасӣ шудааст, ки хушбахтона он дар меъёрҳои матбӯи илмӣ буда, ин равишро муҳаққиқ дар доираи адабии Бағдод, ки низ марбут ба миллати тоҷику форс аст, ба татбиқ

мерасонад. Яъне, падидаҳои маданияти мардуми форсизабони эронитаборро дар мисоли адабиёти арабизабон баррасӣ менамояд.

Бояд зикр намуд, ки дар муқаддимаи диссертатсия ба таври мӯҷаз тамоми дастоварду таҳқиқоте, ки перомуни Аҳмади Ғаззолӣ то кунун сурат гирифтаанд, нишон дода шудаанд. Ҳамчунин, нуктаҳои марбут ба дастоварди шахсии муҳаққиқи ҷавон ва меҳварҳои асосии таҳқиқот дар он муҷассам ва пурра ба назар мерасанд, ки низ яке аз гӯшаҳои муваффақияти муаллифи диссертатсия мебошад. Дар қисмати хулоса ҳам нуктаҳои хулосашуда аз ҷониби муаллифи диссертатсия бо рақамгузории алоҳида ҷудо гардида, танзими илмӣ низ риоя шудааст.

Бояд зикр намуд, ки автореферати Саидғанизода Саидсултонхон, ки муҳассаноти фаровонро дар худ дорад ва муваффақияти муаллифро дар таҳқиқи мавзуъ бахубӣ таҷассум намудааст, бо таваҷҷуҳ ба баъзе нукот ҳусни бештарро дархоҳад ёфт. Аз ин ваҷҳ, пешниҳоди зерин судманд дониста мешавад:

1. Таҳқиқ аз рӯи мероси хаттии марбут ба мавзуи меҳварӣ ҳамеша арзиши корро дучанд месозад. Аз ин рӯ, истифода аз нусхаҳои хаттӣ арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам боло мебарад.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кори муаллиф аст.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи "Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) сазовор буда, пурра ба қоидаву қавонини диссертатсиҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад ва бовар карда мешавад, ки бо бакоромадани он гӯшае аз таърихи адабиёти форсу тоҷик ба таври возеҳу мушаххас равшан хоҳад шуду он дар оянда ба ҳайси сарчашмаи таҳқиқоти ин самт қарор хоҳад гирифт.

Мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи ДДТирмиз, дотсент Абдуллаев Р.Ч.

Доктори фалсафа(PhD) саромӯзгори кафедраи филология тоҷик ва забонҳои шарқ Қурбоналиева М. С.

Имзои муқарризонро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДДТ Жӯраева Барно

Маълумот барои тамос:
190111, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
в. Сурхандарё, ш.Тирмиз, к. Баркамол Авлод
E. Mail: termizdu@umail.uz

**maxfiratqurbonaliyeva@ gmail.com Тел: + 998905200541**